Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон (734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Қодиров Шодибег Шарифович ба диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷ аи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, пешниҳод карда шудааст.**

**1. Мубрами мавзуи диссертатсия.**

Татбиқи навовариҳо дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии соҳаи маориф ба ҳисоб меравад, зеро ки дар шароити муосир рушди равандҳои инноватсионӣ яке аз омилҳои калидии ислоҳоти соҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ шинохта шудааст. Гузашта аз ин дар шароити зудтағирёбанда будани бозори меҳнат ва умуман рушди иқтисодӣ, танҳо такмилу татбиқи равандҳои инноватсионӣ метавонад, на танҳо иқтидори рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олиро мустаҳкам намояд, балки низоми таҳсилоти олиро аз бӯҳрони маънавӣ, молиявӣ ва сохторӣ раҳо бахшад. Гузашта аз ин, ташаккул ва татбиқи равандҳои инноватсионӣ ин сарчашмаи асосии афзун намудани даромади муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Барои аксари донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳаҷми даромад аз татбиқи навовариҳо аз ҳаҷми даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳо ба маротиб зиёд аст.

Ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин метавонад иқтидори рақобатпазирӣ ва инноватсионии донишҷӯёнро, ки бояд ҷавобгӯи тақозои замони муосир бошанд, баланд бардорад.

Аз ҳамин лиҳоз, аз ҷониби Сафаров Зулфиқор Азаматович таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявию амалии ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир, хело муҳим ва саривақтӣ мебошад.

**2. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот аз таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии муассисҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) мебошад. Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки метавонанд ҳамчун навгонӣ эътироф гарданд, инҳоянд:

- моҳияти иқтисодии иқтидори инноватсиоӣ аз нигоҳи назариявӣ асоснок карда шуда, сохтори иқтидори инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ муайян карда шудааст.

- дар асоси арзёбии вазъи кунунии иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи таҳдидҳо ва хатарҳое, ки ба татбиқи иктидори инноватсионии муассисаҳои олии касбӣ монеа мешаванд, муайян карда шуданд;

- дараҷаи сохтории иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ арзёбӣ гардида, нишондиҳандаҳои функсионалии захираҳои рушди муассисаҳо аз ҷониби муаллиф тасниф карда шудаанд.

- механизми самараноки татбиқи моликияти зеҳнӣ дар се шакли ҷалби он ба иқтисодиёт: 1) дар шакли иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 2) дар шакли фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба сифати дороиҳои ғайримоддӣ дар амалиётҳои гаравӣ; 3) дар шакли ҳимоя дар намуди патент, иҷозатномаҳо(лицензия), тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ ва ғайра пешниҳод карда шудаанд.

- оид ба беҳтар намудани инфрасохтори инноватсионӣ тавсияҳо дода шуда, инчунин модели намунавӣ барои ташкили инфрасохтори инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

- шакл ва усулҳои самараноки механизмҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз қабили шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва модели «спирали сегона» таҳия ва асоснок карда шудааст.

**3. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров З. А. ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02– Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимои-иқтисодӣ аз ҷумла: 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.7. Хусусиятҳо ва мушкилоти таъсисдиҳии корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар пойгоҳи ташкилоти буҷавии илмӣ ва таълимӣ; 1.9. Баҳодиҳии неруи инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.26. Коркарди методологияи идоракунии моликияти зеҳнӣ ва усулҳои баҳодиҳии арзиши қисми зеҳнии маҳсулоти инноватсионӣ мувофиқат менамояд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Истифодаи дурусти усулҳои зиёди таҳқиқоти иқтисодӣ ба муаллиф имкон доданд, ки дар доираи мақсади гузошташудаи диссертатсия натиҷаҳои ниҳоӣ, хулосаю пешниҳодоти

худро оид ба омӯзиши иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурийи Тоҷикистон илман асоснок намояд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявии дар диссертатсия дарҷ ёфта ба ҳалли амалии мушкилоти иқтисоди соҳаи таҳсилоти олӣ ва идоракунии онҳо дар шароити бозорӣ мусоидат карда метавонанд.

Муқаррарот ва хулосаҳои илмии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда дар таълими як қатор фанҳои иқтисодӣ, аз қабили «Иқтисодиёти маориф», «Идоракунии муассисаҳои таълимӣ» ва «Иқтисодиёти соҳаҳои иҷтимоӣ» истифода шуда метавонанд. Дар асоси муқаррароти илмии бадастомада ва тавсияҳои амалӣ Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар метавонанд санадҳои меъёрию ҳуқуқии нав таҳия намоянд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯи натиҷ аҳои таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4,1 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидааст.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Рисолаи диссертатсионии Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳо, объект ва предмети он дуруст муайян шуда, навгониҳои илмӣ ва моҳияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда мухтасар ва пурмуҳтаво шарҳ дода шудаанд.

Муаллиф дар **боби якум «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбии иқтидори инноватсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ»** як қатор мафҳумҳои "иқтидор", "инноватсия", "сохтори иқтидори инноватсионии МТОК"-ро аз нигоҳи илмҳои иқтисодӣ шарҳ дода, зарурати рушди инноватсионии таҳсилоти олиро дар асоси таҷрибаи хориҷии татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ пурмазмун ва мушаххас нишон додааст.

Ба ақидаи муаллиф дар сохтори иқтидори инноватсионӣ ба ғайр аз захираҳои кадрӣ, инфрасохторӣ ва имиҷӣ дигар захираҳо ба монанди иқтидори молиявӣ, зеҳнӣ, моддӣ – техникӣ низ мавқеи муайян ва асосиро ишғол менамоянд, зеро ҳамаи ин захираҳо дар маҷмуъ ҷузҳои захиравии иқтидори инноватсионии МТОК-ро ташкил медиҳанд. Муаллиф хело дуруст қайд менамояд, ки зарурати рушди инноватсионии таҳсилоти олӣ аз мавҷудияти се гуруҳи ҷараёнҳои муҳим вобаста мебошад:

- мушкилоте, ки даҳсолаи охир таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун бахши муҳими иқтисоди миллӣ, бо онҳо рӯ ба рӯ шудааст.

•навсозӣ ва диверсификатсия шудани сохтори иқтисодиёти миллӣ.

•афзоиши рақобат дар бозорҳои донишу технологияҳо, зарурати рушди инноватсионии таҳсилоти олӣ ба миён омадааст.

Муаллиф дар низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ татбиқи равандҳои инноватсионӣ, хусусан усулҳои фаъоли таълимро зарур мешуморад ва ба назари мо хело бомаврид қайд менамояд, ки мақсади асосии рушди инноватсионии таҳсилоти олӣ ин тағйироти куллии таълимгиранда дар системаи нави таълим дар қиёс ба системаи анъанавии таълим ба ҳисоб меравад.

**Дар боби дуюм «Таҳлил ва арзёбии иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** арзёбии маҷмуии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба он таъсиркунанда гузаронида шудааст.

Дар ин боб муаллиф методологияи нави арзёбии маҷмуии иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, ки ба назари мо аз нигоҳи илмҳои идоракунӣ ва сотсиологӣ қобили қабул аст пешниҳод намудааст ва дар асоси он чунин арзёбиро низ анҷом додааст. Дар ин методологияи пешниҳодшуда 2 навъи самти фаъолияти МТОК (фаъолияти таълимӣ ва фаъолияти илмӣ - таҳқиқотӣ), 5 навъи таъминоти захиравӣ (кадрӣ, молиявӣ, моддӣ – техникӣ, инфрасохторӣ ва нуфузӣ) ба назар гирифта шудаанд. Дар асоси ин нишондиҳандаҳо муаллиф матрисаи мантиқии арзёбиро пешниҳод намудааст, ки аз ҷониби коршиносон (экспертҳо) ва роҳбарияти зерсохторҳои МТОК пур карда мешавад. Ҳамчунин ҷадвали баҳогузории муайян низ барои арзёбии фикри коршиносони соҳа ва роҳбарони зерсохторҳои МТОК таҳия карда шудааст. Мувофиқи ин методология арзёбии иқтидори ҳар як МТОК дар алоҳидагӣ гузаронида шудааст ва натиҷаҳои ин гуна арзёбии маҷмуӣ дар диссертатсия низ оварда шудааст. Ба назари мо чунин методология барои баҳо додан ба иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми атестатсия ва акредетатсияи онҳо, ҳамчунин барои муайян намудани рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олӣ қобили қабул ва муфид мебошад.

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ»** масъалаҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ асоснок гардида, таъсис ва такмили инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун омили калидии рушди иқтидори инноватсионӣ дар МТОК, муайян карда шуданд. Ҳамчунин дар ин боб муаллиф оид ба самтҳои асосии дастгириҳои давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар МТОК пешниҳодҳои ҷолиб намудааст.

Нуқтаи аз ҳама ҷолиб (дар боби мазкур) ин пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили инфрасохтори инноватсионӣ ва механизмҳои тиҷоратикунони натиҷаҳои фаъолият ва дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад. Муаллиф вобаста ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ташаккули инфрасохторҳои инноватсионии зеринро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ зарур мешуморад:

1. **Маркази интиқоли технологияҳо**, ки ба интиқоли технологияҳо, «ноу-хау», таҷҳизот, иттилоот ва дигар манбаҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бояд машғул шавад.

2. **Технопарк,** яъне комплексе, ки дар он институтҳои таҳқиқотӣ, иншооти саноатӣ, марказҳои тиҷоратӣ ва иншоотҳои хидматрасонӣ ташкил карда шаванд.

3. **Бизнес–инкубаторҳо,** ки ба дастгирии лоиҳаҳои стартапи ихтирооткорони ҷавон бояд сару кор дошта бошад.

4. **Марказҳои тиҷоратикунонии корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ – конструкторӣ** (КИТТК), ки ба гурӯҳҳои гуногуни ашхоси ба ҳайати муассисаи таҳсилоти олӣ дохилшаванда кӯмак мерасонад.

5. **Корхонаҳои хурди инноватсионӣ,** ки фаъолияташон барои эҷоди навовариҳо бояд нигаронида шавад.

Пешниҳодҳои муаллиф оид ба дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, аз қабили молиякунонии мустақими иловагӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба ихтироъкорони инфиродӣ ва ҷавон, ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва донишҷӯёни ихтироъкор, паст намудани пардохтҳо барои ихтироъкорони МТОК, ташкили шабакаҳои технополисҳо, технопаркҳо ва пайваста бурдани ташвиқот ҷиҳати боло бурдани фаъолияти инноватсионӣ дар МТОК, қобили қабул буда, барои рушди инноватсионии муассисаҳои олии кишвар мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ хулоса ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда, асоснок карда шудаанд ва қобили қабул мебошанд.

Дар қатори бартариятҳо диссертатсияи мазкур дорои норасоиҳо низ мебошад. Ба қатори онҳо ҳолатҳои зеринро метавон дохил кард:

1. Дар диссертатсия (саҳифаҳои 29 ва 66) ва автореферат (саҳифаҳои 6 ва 24) ҷузъҳои захиравии иқтидори инноватсионӣ ба таври гуногун шарҳ дода шудаанд. Шарҳи таркиби захиравии иқтидори инноватсионӣ аз рӯи шумораи компонентҳо дар расми 2 ва ҷадвали 2, ҳамчунин дар матни автореферат аз ҳамдигар каме фарқ мекунанд. Мантиқан дар тамоми матни диссертатсия ва автореферат бояд шарҳи ягонаи ҷузъҳои захиравии иқтидори инноватсионӣ ҷой дошта бошад.

2. Дар диссертатсия муаллиф оид ба инфрасохтори инноватсионӣ ва механизмҳои тиҷоратикунони натиҷаҳои фаъолият хело фикрҳои ҷолиб пешниҳод намудааст, аммо нишон надодааст, ки ташкили чунин инфрасохтор ва механизмҳои нав то чӣ андоза хароҷоти муассисаҳои таҳсилоти олиро зиёд менамоянд ва оё аз нигоҳи иқтисодӣ ташкили онҳо дар шароити Тоҷикистон самаранок буда метавонад.

3. Беҳтар мебуд агар муаллиф дар диссертатсия дар асоси факту далелҳо вазъи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ–техникии муассисаҳои таҳсилоти олии кишварро таҳлил намуда, нақши онро дар ташаккули буҷаи муассисаҳо нишон медод. Ин гуна муносибат имкон медод, ки ба чунин як раванди муҳим баҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои граматикӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки фаҳмиши баъзе аз ҷузъҳои матнро душвор менамояд.

Норасоиҳои қайдшуда хусусияти ҷузъӣ дошта бе ҳеҷ ваҷҳ ба мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ таъсири манфӣ расонида наметавонанд, зеро диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович новобаста ба камбудиҳои номбаркардашуда, дар сатҳи лозимӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун, мундариҷа, саҳеҳнокӣ ба талаботҳои навиштани диссертатсияи номзадӣ ҷ авобгӯ мебошад.

Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**ходими илмии Институти**
**иқтисодиёт ва демографияи Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон** **Қодиров Ш.Ш.**

**Суроға: ш. Душанбе, 734024, кӯчаи С. Айнӣ 44**
**Почтаи электронӣ: shodibeg@mail.ru**
**Тел: +992 988-37-65-27**

**Имзои Қодиров Ш.Ш. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Институти**
**иқтисодиёт ва демографияи Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон** **Қурбонов Э.Т.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ